**ТДУ 330.321.01.02.**

# САРМОЯГУЗОРӢ ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ахмедов Д.Ҳ.** – н.и.и., дотсент, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ:*** *иқтисоди бозоргонӣ, сармоягузорӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, СУС, соҳибкорӣ, технологияҳои инноватсионӣ, суғуртакунӣ, андоз, тиҷорат.*

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкории дохилӣ ва хориҷии сармоягузорӣ алоқаманд аст. Дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти соҳибкорони дохилию хориҷӣ дар доираи сиёсати иқтисодии давлат, дар зарфи соҳои 2019-2021 оид ба "Соли рушди сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ ", №977, аз 29.12.2018 қабул гардида, ҳамаҷониба зоҳир мегардад. Ҳадафи ин барномаи қабулшуда, тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ , муаррифии имконияҳои сайёҳии мамлакат ва рушди фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилаллӣ , ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба мамлакат, инчунин бунёд ва таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои нави кори доимӣ иборат аст.

Дар марҳилаи татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёт кишвар ва ба ин васила ба рушди устувори корхонаи саноатию кишоварзӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад, зеро дар сатҳи звенои ибтидоии иқтисодиёт ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои инноватсионӣ ба фаъолияти соҳибкорони ватанӣ барои истеҳсоли маҳсулоти нав мусоидат мекунад. Пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, бахусус бахшҳои истеҳсолӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ тақозо менамояд, ки ба соҳаи саноати кишвар сармоягузорӣ бештар карда шавад. Дар ин замина қонунгузории мамлакат дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шуда, дар он кафолатҳои ҳуқуқии ҳамаи сармоягузорон дар мамлакат таъмин гардидааст.

Вазифаи асосии сармоягузорӣ дар корхона, ҳамчун таъмини фаъолияти самарабахши истеҳсолот ва тиҷоратии он тавассути афзоиши маҳсулот, кор ва хизматрасониҳо вобаста ба вазъи мӯътадили молиявӣ, такмили сохтори корхонаҳо, инчунин устувории рушди иқтидори иқтисодии корхона ва барои маблағгузорӣ дар муҳити беруна рушдёбанда баррасӣ карда мешавад.

Ҳадафи дигари сармоягузорӣ ин ба даст овардани даромади бештар нисбат ба хароҷоти он буда, тавассути истифодаи самараноки сармоя раванди истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти он бе фосила иҷро карда мешавад.

Танҳо дар се соли охир бо мақсади мутобиқ гардонидани иқтисодиёти кишвар ба талаботи Созмони умумиҷаҳонии Савдо (СУС) зиёда аз 100 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ , аз ҷумла 40 қонунҳои нав қабул гардида ба санадҳои меъёрии ҷорӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуд. Дар маҷмӯъ барои фаъолияти соҳибкорон беш аз 100 ва барои истеҳсолкунандагони мол 50 сабукиҳо ва имтиёзҳо пешбинӣ гардидааст, ки татбиқи онҳо ба фаъолияти соҳибкорон таъсири мусбӣ мерасонад. Ба ҳолати 01.01.2021 дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат 70 лоиҳа давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 3 млрд. 368 млн. долл. ИМА амалӣ шуда истодааст.

Дар замминаи ислоҳоти номбаршуда Тоҷикистон дар солҳои охир мавқеъи байналмилалии хешро аз лиҳози бақайдгирии тиҷорат, андозбандӣ, дастрасӣ ба қарзҳо, сармоягузорӣ ва тиҷорати байналмилалӣ то андозае боло бурдааст. Дар шароити имрӯзаи бозорӣ сармоягузорӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рушди иқтисодиёти хоҷагии деҳоти мамлакат, баландбардории сифати зиндагии мардуми деҳот, азнавсозии пойгоҳи техникӣ ва технологии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Самтҳои рушдёбандаи фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи мо аз инҳо иборат аст:

- кафолати дастгирии давлатии соҳибкорӣ ;
- суғуртанамоӣ ва омилҳои манфиатнокӣ ба сармоягузор;
- имтиёзҳои андозӣ ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ ;
- таъмини амнияти бехатарӣ дар шароити ҷаҳонишавии терроризм ва экстремизм;
- хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ .

Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президнти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2007-2019, 9 млрд 865,7 млн доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 4 млрд. 345,9 млн. долл. ИМА сармоягузории мустақим, 5 млрд. 17,9 млн. долл ИМА-ро қарзҳо аз ҷониби корхонаву

ташкилотҳо ҷалбгардида ва 502,0 млн. долл. ИМА-ро сармоягузории портфелӣ ташкил медиҳад. Динамикаи ҷалби сармоягузории хориҷиро аз маълумотҳои ҷадвали 1. мушоҳида кардан мумкин аст.

Аз маълумотҳои ҷадвал дида мешавад, ки воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба ҷумҳурӣ дар солҳои 2007-2019 асосан ба соҳаҳои энергетика – 596,8 млн. долл. ИМА, алоқа – 407,8 млн. долл. ИМА, сохтмон – 358,8 млн. долл. ИМА, хизматрасонии молиявӣ – 420,0 млн. долл. ИМА, геология ва истихроҷи канданиҳои фоиданок – 1191,9 млн. долл. ИМА, саноат – 749,7 млн. долл. ИМА, тиҷорат 36,1 млн. долл. ИМА, саноати хурока – 34,2 млн. долл. ИМА, тандурустӣ – 5 млн. долл. ИМА, кишоварзӣ – 101,4 млн. долл. ИМА, сайёҳӣ – 28,2 млн. долл. ИМА, маориф – 46,3 млн. долл. ИМА, нақилёт – 119,8 млн. долл. ИМА, саноати сохтмон – 149,2 млн. долл. ИМА ва дигар соҳаҳо – 95,6 млн. долл. ИМА равона гардидааст.

**Ҷадвал - Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2019**

| № | Солҳо | Намуди сармоягузориҳо млн.долл. ИМА | | | Ҳамагӣ млн.долл. ИМА |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Мустақим | Дигар намуди сармоягузорӣ | Портфелӣ | |
| 1 | 2007 | 388,4 | 472,2 | - | 860,6 |
| 2 | 2008 | 425,7 | 563,6 | - | 989,3 |
| 3 | 2009 | 89,4 | 293,8 | - | 383,2 |
| 4 | 2010 | 238,9 | 228,2 | - | 467,1 |
| 5 | 2011 | 161,4 | 164,0 | 0,1 | 325,5 |
| 6 | 2012 | 391,3 | 355,0 | 0,1 | 746,4 |
| 7 | 2013 | 341,1 | 670,6 | 0,2 | 1011,9 |
| 8 | 2014 | 377,4 | 530,4 | 1,4 | 909,2 |
| 9 | 2015 | 470,9 | 506,9 | - | 977,8 |
| 10 | 2016 | 434,2 | 408,4 | 0,1 | 842,7 |
| 11 | 2017 | 354,5 | 245,9 | 500,0 | 1100,4 |
| 12 | 2018 | 326,8 | 317,7 | - | 644,5 |
| 13 | 2019 | 345,9 | 261,1 | 0,1 | 607,1 |
| | Ҳамагӣ | 4345,9 | 5017,8 | 502,0 | 9865,7 |

**Сарчашма:** *сомонаи КСИАДҶТ www.investcom.tj*

Бояд ёдовар шуд, ки аз ҳама бештар ба соҳаҳои энергетика ва саноат сармоягузорӣ карда шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раванди навсозии иҷтимоиёт ва идомаи ислоҳоти иқтисодиро дар даврони соҳибистиқлол интихоб намудааст, барои тараққӣ додани рақобатпазирии он ҳамаи имкониятҳоро истифода мебарад. Дар ин замина Ҳукумати ҷумҳурӣ бобати беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар кишвар ислоҳотҳои соҳавиро анҷом додааст. Чи тавре маълум аст, дар ҷумҳурӣ сол то сол ҳаҷми сармоягузорони дохилию хориҷӣ зиёд гардида истодааст. Барои ҷалби сармоягузорон ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулинро зарур аст, ки чунин корҳоро тақвият бахшад:

- таъмини амнияти иқтисодию молиявии сармоягузорон;
- ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ба сармоягузорони соҳаҳои истҳсолӣ ва кишоварзӣ;
- саривақт дастгирӣ намудани сармоягузорон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ;
- муаррифӣ намудани имкониятҳои гуногуни манотиқи кишвар ба сармоягузорон дар соҳаҳо.

Дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозоргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармоягузорӣ ҳамчун омили муҳимтарини фаъолгардонии механизми иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Имкониятҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат аз он вобастаги дорад, ки дар ҷумҳурӣ қабулкунандаи сармоя барои сармоягузорони хориҷӣ кадом шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст ва то кадом андоза фазои сармоягузории он созгор аст. Фазои сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ маҷмӯи омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ -иқтисодӣ, молиявӣ, ташкили-ҳуқуқӣ, маишӣ ва инчунин омилҳои ҷуғрофиро дарбар мегирад, ки хоси одати ин ё он давлати ҷалбкунанда ё содиркунандаи сармояи хориҷӣ мебошад. Ҳар яке аз ин омилҳо барои тавсифи фазои сармоягузории ин ё он давлат нақши асосиро мебозад.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти хоҷагии халқ дар шароити навовариҳои илмӣ ва техникӣ чунин корҳоро ба сомон расонидан лозим аст:

- дастгирии давлатии соҳаҳои хоҷагии халқ;
- маблағгузории соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, тандурустӣ, маориф ва дигарҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ;
- суғуртакунонии соҳаҳо;
- дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории дохили ва хориҷӣ;
- таъмини соҳаи кишоварзӣ бо техникаҳо;
- бо технологияҳои замонавӣ таъмин намудани корхонаҳои саноатӣ ;
- дастгирии аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ бо технологияҳои иттилоотии муосир.

Сарчашмаҳои фаъолияти сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар аз инҳо иборат мебошад:

- захираҳои молиявии сармоягузор, захираҳои пулӣ, пасандозҳои аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ , захираҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ҳангоми расидани зарар аз офатҳои табии, садама ва ғайраҳо дар намуди ҷуброн дода мешавад;
- захираҳои қарзии сармоягузор, вомбаргҳо, қарзҳои бонкӣ ;
- захираҳои ҷалбкардашавандаи сармоягузор аз фурӯши саҳмияҳо ва саҳмгузории шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ;
- захираҳои сармоягузорони хориҷӣ.

Механизми дар амал татбиқ намудани фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллии кишвар ин устувор дараҷаи баробарии макроиқтисодиёт вобаста ба нарх, таваррум, маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонӣ, суръати афзоиши маҳсулот ва ғайраҳо мебошад.

Хулоса, таъмини босуботи иқтисодиёти кишвар дар ҷаҳони нооромии имрӯза тақозо менамояд, ки ҳарчи бештар сармоягузории дохилию хориҷиро барои рушди иқтисодиёт ҷалб намуда, аҳолии қобили меҳнати кишварро бо ҷои кори доимӣ таъмин кардан лозим аст, ки ҳамаи он нооромиҳое, ки дар давлатҳои ғарбӣ дида мешавад, сабаби асосӣ ин бекорӣ ва паст будани шароити иҷтимоии онҳо мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Бобоев А.А. Самтҳои афзалиятноки татбиқи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон- Душанбе. Кишоварз//2020. 3(83)- С. 160-165.
2. Шарифов З.Р., Толибов Р.Ш. Моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва шаклҳои он дар КАС- Душанбе.Кишоварз//2020- 1(86). –С. 109-112.
3. Бобоев А.А. Повышение инвстиционной превлекательности сельского хозяйства Республики Таджикистан. Доклад Таджикской академии сельскохозяйственных наук. Душанбе,2009. -№4(22). –С.81-86.
4. Сомонаи www.investcom.tj Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Сомонаи www.stat.tj Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.


## АННОТАЦИЯ
## ИНВЕСТИЦИЯ КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКӢ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье отражены пути совершенствования и дальнейшего развития отечественных и зарубежных инвесторов в экономику Республики Таджикистан. А также пути источники финансирования экономики страны, сокращающих бедность и обеспечивающия постоянную занятости населния.



***Ключевые слова***: *рыночная экономика, инвестиции, сельскохозяйственная продукция, ВТО, предпринимательство, инновационные технологии, страхование, налогообложение, торговля.*


## ANNOTATION
## INVESTMENT AS A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT ECONOMIC OF TAJIK REPUBLIC


This article reflects the ways of improving and further development of domestic and foreign investors in the economy of Tajik Republic. As well as ways of finance's sources of the country's economy, reducing poverty and providing constant employment of the population.



***Key words***: *market economy, investment, agricultural products, WTO, entrepreneurship, innovative technologies, insurance, taxation, trade.*